*«Тоҷикистони Советӣ», No 11510,*
*6 феврали 1964, с. 3.*
*Ҳамроҳ бо: Х. Саидов,*
*Ф. Наҷмонов, М. Ҷанобилов.*

**Маъно ғалат, имло ғалат**

Дар дӯкону магазинҳои китобфурӯшӣ назаратон ба китобчаи хеле зебое меафтад. Дил аҷаб хислате дорад! Ба ҳар чизи марғуб моил мешавад. Шумо бо хурсандӣ он китобчаи зеборо ба даст мегиред, бо иштиёқи том чашм медавонед. Китобчаи мазкур басо назаррабо буда, «Душанбе» ном дорад, ки онро Нашриёти адабиёти забонҳои хориҷӣ чоп намудааст.

Дар ин китобча сурати ҷойҳои ҷолиби диққат ва таваҷҷуҳи пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе акс ёфта, дар зер ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, немисӣ, франсузӣ, арабӣ шарҳи даркории инҳо дода шудааст.

Агар ин китобчаи хушсурат дар назари аввал ба шумо ҳар қадар писанд омада бошад хам, як назар матнҳои онро хонда бароед, табъатон хира мешавад. Калимаҳо чунон ғалат, ибораҳо чунон носоз, ҷумлаҳо чунон вайрон аст, ки хурсандии шумо дар як он дур шуда, асабӣ мешавед. Ана, биёед, онро ҳамроҳ варақ мезанем, ихтирои забондонҳои навбаромадро дар тарозуи грамматикӣ бармекашем.

Марҳамат, аз ин «намакоб» чашида бинед:

«Кули комсомолӣ, (?) ба вуҷудовардаи (?) ҷавонони шаҳр дар соли 1939 (?)» (саҳ. 28).

Ё худ:

«Гастроном ба (?) яке аз кӯчаҳои (?) маркази (?)» (саҳ. 19). Ба ин калимаҳои маҷбуран қатор овардашудаи дилбеҳузуркунанда чӣ тавр тобу тоқат мекунед?

Ҳатто дар ин китобчаи роҳбалад баъзе ҷумлаҳоро чунон овардаанд, ки маъно тамоман тағйир ёфтааст:

«Боғи маданият ва истироҳати Шаҳри (?) ба номи В. И. Ленин», (саҳ. 26).

Мо аз хонандагони муҳтарам узр пурсида, хоҳиш мекунем, ки ана ин як порча матни дандоншиканро босаброна хонанд:

«Дар ин ҷо яке аз бузургтарин (?) комбинати газвори пахтаги (?) мамлакат, Муассаҳои (?) металлкоркуни, (?) сохтмони, (?) саноатҳои хӯрокворӣ, (?) Ба шаҳр (?) кор мекунанд (?). Академияи фақнҳои РСС Тоҷикистон бо сети институтҳои (?) илми Тадкикоти, (?) 5 мактаби олӣ, (?) қариб даҳо (?) мактабҳои махсуси миёна, мактабҳой ибтидой, библиотекаҳо, театрҳои опера, балет (?) ва драма, музейҳои (?) санъатҳои тасвири (?) ва кишваршиносй, (?) касрҳой (?) маданият» (саҳ. 29).

Мо ин порчаи пур аз хатою муғлақро шарҳу эзоҳ намедиҳем, маънидод ҳам намекунем, зеро чунон ки мегӯянд: он чизе ки аён аст, чи хоҷат ба баён аст. Бигузор дар ин хусус худи хонанда ҳукм барорад.

Тартибдиҳандаи матнҳои китобчаи мазкур мегӯяд, ки Душанбе «воқеъ шуда дар водии Вахш». Тааҷҷуб накунед, хонандаи муҳтарам, шояд тартибдиҳандаи китобчаи мазкур ҳангоми мактабхониаш дарси ҷуғрофияро бад омӯхтааст, ё худ аз мантиқ ва забон хабар надорад, вагарна водии Вахшро аз водии Ҳисор фарқ кардан душвор набуд-ку?

Эҳтимол барои «равонии сухан» бошад, ки мо дар саҳифаи ёздаҳ ба ҷои «мақбараи Садриддин Айнӣ» гуфтан «Ҳайкали Садриддин Айнӣ», дар саҳифаи се ба ҷои «Бинои КМ ПК Тоҷикистон» гуфтан «Бинои МКП Тоҷикистон», дар саҳифаи чор ба ҷои «Музеи таърихӣ-кишваршиносӣ» гуфтаи «Музей таърихоти кишвар», дар саҳифаи понздаҳ ба ҷои «кӯчабоғи шаҳрӣ» гуфтан «кӯчарастаи боғ, махсус барои шаҳр» ва ғайраҳоро худсарона тағйир додааст.

Дониши сиёсии муаллиф ба дараҷаест, ки ӯ ҳатто ба фарқи «КПСС ва «ПК Тоҷикистон» сарфаҳм нарафтааст. Дар матни русии саҳифаи се ба чунин ибора дучор меоем:

«Здание ЦК КПСС (?) Таджикистана».

Чуноне ки дар боло қайд кардем, китобчаи мазкур бо забонҳои сернуфузи дунё интишор ёфтааст. Аз ин сабаб аҳамияти сиёсии он даҳчанд мебошад. Аммо сифат ва нормаи адабии забон, мантиқ ва ғайра ҳатто ба гӯшаи хаёли ноширу тартибдиҳандаи китобча нарасидааст. Ин нисбат ба забони миллии халқи тоҷик як беҳурматии авфнопазир аст. Мо фаҳмиданием, ки чаро дар як китобча, он ҳам боз дар матни суратҳо, як олам хато сар задааст.

Ба ин муаллиф ваноширон бояд ҷавоб диҳанд.

**Х. САИДОВ, Ф. НАҶМОНОВ,**
**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**М. ҶАНОБИЛОВ,**
**аспирантҳои УДТ ба номи В. И. Ленин.**